Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Хулосаи**
**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович дар мавзуи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович дар мавзуи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)” муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Таҳқиқоти илмӣ коркарди ҷанбаҳои назариявию амалӣ оид ба таснифи захираҳои иттилоотӣ ба баррасии ҳамаҷонибаи муаммоҳои идоракунии захираҳои иттилоотӣ мусоидат менамояд. Зимнан тавсияҳои амалӣ дар муайян намудани самтҳои асосии такмили ҷараёни идоракунии омилҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла, захираҳои иттилоотӣ дар самти таъмини рақобатпазирии корхонаҳо имконият медиҳад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста ба он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Муқаррароти илмии асосие, ки мазмун ва мундариҷаи навгонии илмии диссертатсияро ташкил медиҳад, аз инҳо иборат аст:

– аз тарафи муаллиф омилҳои мубаддал гаштани захираҳои иттилоотӣ дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии муосир ба омили асосии истеҳсолот асоснок карда шудааст. Дар ин замина ба мафҳуми таҳқиқот тасҳеҳ ворид гардидааст, яъне: “Захираҳои иттилоотӣ – маҷмуаи маводҳо, ахбор, хабарҳои ҳуҷҷатии ҷамъшудаи низомбандигардида, маълумоти илмӣ мебошанд, ки дар ниҳодҳои махсус (китобхона, бойгонӣ, анбори иттилоот) дар шакли навиштаҷот ё ин ки электронӣ нигоҳ дошта, натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон мебошанд, арзиш ва арзиши истеъмолӣ доранд ва барои қонеъ намудани талабот ба иттилоот равона гардидаанд”;

– муайян карда шудааст, ки услубҳои бисёрҷабҳаи гуногуни методӣ оид ба арзёбии сатҳи истифодаи захираҳои иттилоотӣ мавҷуд буда, меъёрҳои асосии самаранокии онҳо дар беҳтар намудани ҷараёни идоракунӣ, ташкили меҳнат, истеҳсолот, фаъолнокии эҷодии корманд инъикос меёбад. Алгоритми арзёбии истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти минтақа муайян гардидааст. Тибқи алгоритми мазкур марҳилаҳои зерин муайян карда шудаанд: таъсиси низоми иттилоот; муайянкунии сатҳи дастрасӣ ва истифодабарӣ; вазъи инфрасохторҳои иттилоотӣ; таъминнокӣ бо технологияи иттилоотии рушди иқтисодиётӣ минтақа;

– таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба идоракунии захираҳои иттилоотӣ низомбандӣ карда шудааст, ки ҷанбаҳои қобили қабул дар иқтисодиёти минтақа муайян гардидаанд. Аз ҷумла, ташаккули шароити мусоид дар бозори захираҳои иттилоотӣ, таъминнокии кибербехатарӣ (ИМА); сармоягузории хориҷӣ (Канада, Ҳиндустон); ҳавасмандсозии таклифот, тартиби сабуки иҷозатномадиҳӣ (Дания, Финляндия); ҳавасмандгардонии талабот: пешбурди шаклҳои электронии хизматрасониҳои давлатӣ (Британияи Кабир); марказонидани фаъолияти соҳаҳои инфрасохторӣ (Русия); милликунонӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ (Бразилия), шарикии давлатию хусусӣ (Юнон). Аз таҷрибаи хориҷӣ истифодаи принсипҳои зерин низ мувофиқи мақсад аст: ҷалбкунӣ ва таълими IT – кадрҳо; рақамикунонӣ; стартапҳои рақамӣ; ҳавасмандкунонии ҷараёнҳои инноватсионнӣ ва рушди соҳаҳои илмталабиашон баланд.

– вазъи ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд тибқи гурӯҳҳои муайяни нишондиҳандаҳо арзёбӣ карда шудааст. Алалхусус, гуруҳи индикаторҳои сармояи инсонӣ (донишҷӯёни мактабҳои олӣ, аспирантон, шуғли аҳолии маълумоти олӣ дошта, шуғл дар соҳаи илм, хароҷот барои инноватсия); техникӣ (компютерҳои инфиродӣ, телефонҳо, интернет, хизматрасонии алоқа); институтсионалӣ (қонун, барнома, лоиҳаҳо); иттилоотӣ (китобхонаҳо, пойгоҳи маълумот, нашриёт, сомонаҳо); ташкилӣ (корхонаҳои хизматрасонии иттилоотӣ, ширкатҳои барноманависии компютерӣ, хароҷоти буҷет ба соҳаи иттилоот ва алоқа). Муайян карда шудааст, ки дар таъминнокии субъектҳои хоҷагидорӣ бо

технологияи иттилоотӣ ш. Хуҷанд, н. Айнӣ, н. Б. Ғафуров мавқеи пешқадам доранд; дар ин самт дар н. Кӯҳистони Мастчоҳ, н. Ҷ. Расулов, н. Зафаробод, ш. Истиқлол қафомонии назаррас ба мушоҳида мерасад;

– муаммоҳои боздорандаи таъмини самаранокии захираҳои иттилоотӣ дар фаъолияти корхонаҳои вилояти Суғд муайян карда шудаанд. Алалхусус, норасоии воситаҳои пулӣ барои ҷалби техника ва технологияи муосир, нокифоягии иттилоот оид ба дастовардҳои арзишноки илмӣ, душвории дастрасӣ ба шабакаи Интернет (аз рӯи нарх), номувофиқатии донишу малакаи кор бо IT – технологияҳо дар бештари корхонаҳо. Исбот гардидааст, ки барои иҷрои ҳадафҳои ҳукумати электронӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, сомонаҳои расмӣ фаъол гардидааст. Дар ин самт новобаста аз муваффақиятҳо норасоиҳо низ мушоҳида мегардад, аз ҷумла механизми сусти пешниҳоди иттилоот, сатҳи нокифояи ҷаззобияти сомона ва ғайра, ки минбаъд бояд ислоҳи худро ёбанд;

– асоснок карда шудааст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд унсурҳои асосии инфрасохтори иттилоотӣ эҳё гардидаанд, вале то ҳол омилҳои ба рушди он мамониат кунанда мавҷуданд. Аз ҷумла: омилҳои ниҳодӣ (гаронии андоз дар бахши хизматрасонии иттилоотӣ, норасоиҳо дар қонунгузорӣ оид ба рушди IT, набудани барномаи рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар шаҳру ноҳияҳои в. Суғд); омилҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ (нокифоягии даромади аҳолӣ, сатҳи шуғлнокӣ, надонистани забонҳои хориҷӣ); омилҳои табиӣ – ҷуғрофӣ (набудани роҳҳои баҳрӣ, сатҳи баланди сейсмикӣ); омили кадрӣ (норасоии кадрҳои IT); омили молиявӣ (маҳдудияти имкониятҳои молиявии корхонаҳои ватанӣ);

– модели таъсиррасонии захираҳои иттилоотӣ ба сатҳи рушди иқтисодиёти в. Суғд таҳия ва пешниҳод гардидааст. Дар асоси он исбот карда шудааст, ки дар рушди иқтисодиёти минтақа омили инсонӣ накши доминантӣ дорад, саҳми захираҳои иттилоотӣ бошад дар шароити муосир назаррас нест. Самтҳои такмили механизмҳои таъминоти иттилоотии рушди минтақа, аз ҷумла таъсиси: фонди захираи иттилоотии "Муҳити корӣ", маркази иттилоотӣ – машваратӣ дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, коркард ва пешниҳод карда шудааст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаҳои тадкиқоти илмӣ бо дақиқ ва саҳеҳии маълумотҳо, интихоби усулҳои ҷолиби таҳқиқ, маводҳои кофии илмӣ, муқоиса бо натиҷаҳои илмии дигар олимоне, ки дар соҳаи мазкур кор кардаанд, коркарди мутобиқи омории натиҷаҳо дар доираи мавзуъ ва дар амал мутобиқшавии муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф исбот мегардад. Хулосаҳои илмӣ, самтҳои таҳқиқ ва асоснокии тавсияҳои пешниҳодшуда сатҳи эътимоднокии диссертатсияро инъикос мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар натиҷаҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ мустақилона бо назардошти дастовардҳои илми иқтисоди ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи мавриди баррасӣ иҷро кардааст. Ғояҳои асосӣ, муқаррароти назариявӣ, хулосаю тавсияҳои амалиро, ки навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии корро дар бар мегиранд, муаллиф шахсан коркард намудааст.

Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия зоҳир мегардад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳои оид ба истифодаи онҳо.**

Муқаррароти назариявӣ ва пойгоҳи методӣ, хулосаю тавсияҳои амалии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳиягардидаро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ҷиҳати такмили идоракунии захираҳои иттилоотӣ муфид арзёби мегардад.

Коркардҳои назариявӣ ва методологии муаллиф дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ аз рӯи фанҳои иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти корхона, микроиқтисодиёт, иқтисодиёти соҳаҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф оид ба татбиқи натиҷаҳои кори илмӣ-тадқиқотӣ аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар раванди таҳияи "Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025" истифода гардида, мавриди истифода қарор дода шудааст (маълумотнома оид ба татбиқ № 32/4-7 аз 04.04.2024).

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, бо ҳаҷми умумии 3,5 ҷ.ч., аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 9 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи Раҳматуллоев А.У. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки риоя шудани талаботи муқаррарӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҳматуллоев А.У. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардида, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, ба уҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович дар мавзуи “Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА- 013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад;

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Ҷӯраева Адолат Орифовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Нусратзода Муҳаммади Нусрат – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети технологияи иттилоотӣ ва интеллекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе) таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Исмоилова М.М.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ **Газибеков С.А.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи назарияи иқтисоди ДДҲБСТ **Абдуқодиров Х.А.**

Имзои Исмоилова М.М., Газибеков С.А. ва Абдуқодиров Х.А. – ро тасдиқ менамоям:

Котиби шурои диссертатсионӣ ____________________ **Дадоматов Д.Н.**

“19” “09” 2024